КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ
НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ФАРМОИШ

аз «1» 12 соли 2020 №263/ои ш. Душанбе

Дар бораи рад намудани
додани дараҷаи илмӣ

Мутобиқ ба бандҳои 13 ва 18 Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 июни соли 2015, №504 ва Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ аз 26 ноябри соли 2016, №505,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Қарори шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-015 назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур 02.03.2018, протоколи №23 оид ба додани дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ ба Ҷулиева Ҳусни Абдусаломовна аз рӯйи натиҷаи ҳимояи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ дар мавзӯи “Интихоби намудҳо ва дурагаҳои дарахти тут, таъсири он ба маҳсулнокии парвариши кирмаки пилла ва сифати пилла дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон” (парвандаи аттестатсионии №255/ди аз 30.09.2020с.) бинобар сабаби риоя нагардидани талаботи банди 36, боби 3 (Тартиби додани дараҷаи илм ва унвони илмӣ (дотсент, профессор) бекор карда шавад.

2. Додани дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ ба Ҷулиева Ҳусни Абдусаломовна рад карда шавад.

3. Баррасии такрории ҳимояи диссертатсияи Ҷулиева Ҳусни Абдусаломовна барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ тибқи муқарраророт баъд аз 6 моҳ, аз рӯзи ба имзо расидан иҷозат дода шавад.

4. Раис, муовин ва котиби илмии Шӯрои диссертатсионии мазкур огоҳонида шаванд.

5. Матни фармоиши мазкур дар муҳлати 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидан, дар сомонаи расмии Комиссия ҷойгир карда шавад.

6. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи шуъбаи аттестатсионии илмҳои тиббӣ, байторӣ, фарматсевтӣ ва аграрӣ гузошта шавад.

Асос: Қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ аз 26 ноябри соли 2020, протоколи №5.

Раис А. Розиқзода